## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» ба шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои калидии назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккули асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ накши муайянкунанда дорад. Таҳқиқ ва таҳлили консепсияи илмии «субъекти ҷиноят» аз миёнаҳои асри XX, бахусус дар солҳои 1940-ум, ба яке аз самтҳои муҳими таҳқиқи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ табдил ёфта буд. Дар доираи мактабҳои илми ҳуқуқшиносии шуравӣ, ин мафҳум мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, принсипҳо ва қоидаҳои асосии назариявии он ташаккул дода шуданд. Натиҷаҳои мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ доштанд, балки дар амалияи қонунгузории ҷиноятӣ низ инъикоси худро пайдо намуданд. Аз ҷумла, онҳо дар низоми қонунгузории ҷиноятии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, таҷассум ёфта, дар Кодекси ҷиноятии соли 1961 ба таври меъёрӣ мустаҳкам карда шуданд. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истилоҳи «субъекти ҷиноят» ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ истифода нашудааст. Масалан, дар моддаи 22 Кодекси

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҷойи истифодаи истилоҳи мазкур, мафҳуми умумии «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар гардидааст, ки аломатҳои умумии субъекти ҷиноятро фаро мегирад.

Дар баробари ин, қонунгузор дар моддаҳои гуногуни Кодекси ҷиноятӣ барои ифодаи моҳияти субъекти ҷиноят аз истилоҳоти мухталифи ҳуқуқӣ истифода менамояд. Аз ҷумла, чунин истилоҳот, мисли «ҷинояткор» (қисми 5 моддаи 35), «шахси ҷиноят содирнамуда» (моддаҳои 8, 41 ва ғайра), «шахсе, ки ҷиноят содир намудааст» (моддаҳои 6, 41 ва ғайра), «шахси гунаҳгор» (банди «г» қисми 1, қисмҳои 2 ва 6 моддаи 57, қисми 1 моддаи 127), инчунин «маҳкумшуда» (қисми 1 моддаи 11(1), қисми 2 моддаи 46 ва ғайра) дар қонунгузорӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин гуногуншаклии истилоҳот ба хусусиятҳои марҳилавии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мавқеи мурофиавии шахс дар равандҳои гуногуни ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Гарчанде ки қонунгузории амалкунанда истилоҳи мазкурро на ҳамеша ба таври мустақим истифода мебарад, мазмун ва моҳияти он тавассути меъёрҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва истилоҳоти ҳаммаъно ба таври фарогир инъикос гардидааст. Вобаста ба ин, пешниҳод гарддааст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардидани «субъекти ҷиноят» ва аломатҳои он барои мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти хос доранд ва бинбар ин, моддаи 22 бо номи «Субъекти ҷиноят» аз тарафи муҳаққиқ таълиф гардидааст.

Ҳарчанд қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси воқеӣ ва мукаллафро ҳамчун унсурҳои ҳатмии таркиби ҷиноят (дар қисмати субъект) эътироф менамояд, аммо дар сатҳи меъёрии ҳуқуқӣ дода нашудани мафҳуми он як навъ холигии қонунгузориро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, ҷиҳати такмили техникаи қонунгузорӣ ва таъмини волоияти қонун, зарурати пешбурди таҳқиқот муҳим аст, то ки мафҳуми ҳуқуқии «мукаллафӣ» ва «шахси воқеӣ» дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба таври илмӣ муайян карда шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод намудааст, ки бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баррасии синни субъекти ҷиноят, номи моддаи 23 КҶ ҶТ «Синни субъекти ҷиноят» ифода карда шавад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти мазкур ба таҳлили назариявӣ ва меъёрии мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, зарурати муқаррар намудани он ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятиро асоснок менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниход мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», қабл аз ҳама дар он ифода мегардад, ки таҳқиқоти мазкур аввалин кӯшиши консептуалии таҳлили низомноки масъалаҳои марбут ба субъекти ҷиноят дар сатҳи диссертатсионӣ маҳсуб ёфта, маҷмӯи назарияҳои бунёдиро оид ба тафсири муосири категорияҳои ҳуқуқии «мукаллафӣ», «номукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «хусусиятҳои синнусолии субъекти махсуси ҷиноят» пешниҳод менамояд.

Дар заминаи омӯзиши муқоисавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нишондиҳандаҳои омори ҷиноятӣ ва таҳлили амиқи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии муосир, зарурати илмии такмили мафҳумҳои муҳим оид ба субъекти ҷиноят асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, дар кор ба масъалаҳои мубраме, ки то ҳол дар сатҳи қонунгузории ҷорӣ ва илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҳалли ягонаи худро наёфтаанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст, аз қабили: мушаххас намудани табиати ҳуқуқии шахси воқеӣ ҳамчун аломати ҳатмии субъекти ҷиноят; таҳияи меъёрҳои нави муайянсозии мукаллафӣ ва ҳадди синни ҷавобгарии ҷиноятӣ; асосноккунии назариявии хусусиятҳои субъекти махсус, бо дарназардошти ҳадди аксари син ва дигар аломатҳои фарққунанда.

Таҳқиқот бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ҷиҳати рафъи холигоҳҳои мавҷуда дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши баланди илмӣ ва амалиро доро мебошад.

Муҳаққиқ мафҳумҳои «субъекти ҷиноя», «шахси воқеӣ», «мукаллафӣ», «номукаллафӣ», «синни субъекти ҷиноя»-ро дар шакли мукаммали назариявӣ пешниҳод намуда, дар доираи муқаррароти синни субъекти ҷиноят, мафҳуми «шахси ноболиғ»-ро таълиф намудааст.

Муаллиф пешниҳод намудааст, ки моддаи 86 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зайл қабул карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд».

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур бо заминаи устувори назариявӣ-методологӣ ва амалии худ фарқ намуда, дар маҷмуъ барои тавсеаи уфуқҳои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ заминаҳои нав мегузорад. Натиҷаҳои бадастомада на танҳо ҷанбаҳои назариявии субъекти ҷиноятро мукаммал месозанд, балки ҷиҳати такмили консептуалии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар самти таҳкими механизмҳои ҳуқуқии муайянсозии аломатҳои субъекти ҷиноят, аҳамияти муҳим доранд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф дорои иқтидори баланди амалӣ буда, метавонанд дар раванди квалификатсияи дурусти кирдорҳои ҷиноятӣ, муқаррар намудани аломатҳои хоси субъекти ҷиноят ва таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ба таври васеъ истифода шаванд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодашуда ҳамчун як кори мукаммали илмӣ, ки дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад, саҳми назаррасро дар рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии муосир ва такмили техникаи қонунгузорӣ ифода менамояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ манзургашта, натиҷаи таҳлили

муназзами назариявӣ, омӯзиши амиқи заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷамъбасти амалияи татбиқи қонунгузорӣ вобаста ба институти субъекти ҷиноят мебошанд. Муҳаққиқ ҷиҳати таъмини саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ аз усулҳои муосири илмӣ ба таври маҷмӯӣ истифода бурдааст. Аз ҷумла: усулҳои умумиилмӣ; усулҳои махсуси ҳуқуқӣ; усулҳои сотсиологӣ ва эмпирикӣ. Чунин равиши бисёрҷабҳаи методологӣ имкон фароҳам овард, ки масъалаҳои мубрами субъекти ҷиноят дар иртиботи зич бо воқеияти ҳуқуқии муосир мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гиранд.

Хулосаҳо бар пояи далелҳои таҳқиқӣ, мисолҳои амалӣ ва таҳлилҳои муфассали илмӣ таҳия гардида, эътимоднокии онҳо бо истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ ва маълумотҳои гуногуни оморӣ таъмин карда шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот ва таҳлили аломатҳои субъекти ҷиноят, маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили 190 парвандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Маҷмӯи натиҷаҳои дар таҳқиқот бадастомада бар пояи таҳлили муназзами санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва манбаъҳои илмии эътирофшудаи доктринаи ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Дар ин замина, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии диссертатсия дорои заминаи қавии назариявию амалӣ буда, барои арзёбии илмӣ ва татбиқи муассири онҳо дар раванди такмили қонунгузорӣ ва ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ заминаи воқеӣ ва мукаммал фароҳам меоранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи таълифнамудаи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замимаҳо иборат буда, дар маҷмӯъ 244 саҳифаро дар бар мегирад. Дар ҳар як боб пайдарҳамии мантиқӣ риоя гардида, таҳлили муфассал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки муҳтавои умумии мавзӯъ – «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия»-ро дар тамоми паҳлӯҳои назариявӣ ва амалӣ фаро мегирад.

Боби аввали таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки «Муқаррароти умумӣ оид ба субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, заминаҳои назариявӣ ва методологии ин унсури таркиби ҷиноятро фаро мегирад. Дар боби мазкур таҳаввули таърихию ҳуқуқии меъёрҳои марбут ба субъекти ҷиноят ва ҷанбаҳои консептуалии мафҳуми он дар низоми ҳуқуқии муосири кишвар мавриди таҳлили комплексии илмӣ қарор дода шудаанд. Сохтори боби мазкур аз ду зербоби ба ҳам алоқаманд иборат мебошад:

Зербоби якум «Таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон» ба омӯзиши таърихии ташаккули аломатҳои субъекти ҷиноят бахшида шудааст. Дар ин қисмат марҳилаҳои калидии инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ, аз ислоҳоти ҳуқуқии соли 1917 то қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ (соли 1998), таҳқиқ мешаванд. Муаллиф бо истифода аз усули таърихӣ-муқоисавӣ, вобастагии таҳаввули талабот нисбат ба субъекти ҷиноятро аз шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии давраҳои гуногуни таърихӣ собит намудааст.

Зербоби дуюми боби якум, ки таҳти унвони «Мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон» таълиф ёфтааст, ба таҳлили субъекти ҷиноят дар марҳилаи кунунии рушди қонунгузорӣ ихтисос дорад. Дар ин бахш муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доктринаи ҳуқуқии миллӣ оид ба мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ диққати махсусро ба тавсифи аломати «шахси воқеӣ» ҳамчун аломати асосии субъекти ҷиноят равона сохтааст. Дар ин замина, яке аз ҷанбаҳои навоваронаи зербоби мазкур – ин баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба падидаи «зеҳни сунъӣ» мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо дарназардошти набудани дарки иродавӣ ва қобилияти дарки моҳияти иҷтимоии рафтор дар низомҳои сунъӣ, онҳо бо ягон ваҷҳ наметавонанд ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф гарданд. Муҳаққиқ исбот менамояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо ба ҳолати зеҳниву иродавии инсон хос буда, зеҳни сунъӣ танҳо ҳамчун воситаи содир

намудани ҷиноят баромад карда метавонад. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии назарияҳои мавҷуда, муаллиф дидгоҳи илмии худро оид ба такмили мафҳуми «субъекти ҷиноят» ироа намуда, ҷиҳати мушаххастар ифода намудани аломатҳои он дар меъёрҳои қонунгузорӣ пешниҳодҳои асосноки илмӣ ва амалӣ манзур сохтааст.

Боби дуюми диссертатсия бо унвони «Мушаххаснамоии мафҳуми «мукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «номукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шуда, аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур мафҳуми мукаллафӣ ва маҳаки он, мавқеъ ва аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии мукаллафии маҳдуд, мафҳум ва маҳаки «номукаллафӣ» мушаххас гардидаанд.

Дар зербоби аввали боби дуюм мафҳуми «мукаллафӣ» ҳамчун унсури таркибии субъекти ҷиноят дар заминаи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ бо такя ба консепсияи маҳаки тиббӣ, солимии руҳиро ҳамчун ҳолати меъёрии фаъолияти равонии инсон заминаи асосии мукаллафӣ меҳисобад. Мафҳуме, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, ҷиҳати рушди консептуалӣ ва муайян кардани дурнамои институти субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Зербоби дуюми боби дуюми таҳқиқот ба баррасии консептуалӣ ва муайян намудани моҳияти ҳуқуқии институти «мукаллафии маҳдуд» бахшида шудааст. Бори аввал дар сатҳи илмӣ мафҳум, ҷойгоҳ ва аҳмияти ҳуқуқии ҷиноятии категорияи мазкур мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор мегирад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки мукаллафии маҳдуд дар қонунгузории ҷорӣ натиҷаи баҳсҳои тӯлонии доктриналӣ буда, асосан ҷанбаҳои татбиқи амалии ин навоварии ҳуқуқиро фаро мегирад. Институти мукаллафии маҳдуд ҳамчун яке аз масъалаҳои мураккаб ва баҳсноки илми ҳуқуқи ҷиноятӣ арзёбӣ мегардад, ки то ҳол дар мавриди он хулосаи ягона ва умумиэътирофшудаи назариявӣ ташаккул наёфтааст. Дар зербоби мазкур асоснок карда шудааст, ки мукаллафии маҳдуд дар заминаи маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ муайян карда

мешавад. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд аз он иборат аст, ки шахс ҳангоми содир намудани кирдори ҷиноятӣ, бар хилофи шахси комилан мукаллаф, имконияти маҳдуди дарки хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат (беҳаракатӣ)-и худ ва ё идора намудани онҳоро дошт. Аз ин рӯ, маҳаки ҳуқуқӣ дар сохтори эътирофи мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро ишғол менамояд. Ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ зарур аст, ки дараҷаи таъсири халалдоршавии равонӣ (ки боиси номукаллафӣ нагардидааст) ба рафтори зиддиҳуқуқии шахс дақиқ муайян карда шавад.

Зербоби сеюми боби дуюми таҳқиқот ба баррасии масъалаи «Мушаххас намудани мафҳуми «номукаллафӣ»: мафҳум ва маҳакҳои он» бахшида шудааст. Дар ин бахш мафҳуми номукаллафӣ дар заминаи таҳлили муқоисавии маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ мушаххас гардида, муаллиф дар асоси онҳо хулосаҳои илмии худро асоснок намудааст. Дар зербоби мазкур дар заминаи мушаххас намудани мафҳуми номукаллафӣ ва таҳлили маҳакҳои ҳуқуқиву тиббии он, таърифи муаллифии ин категорияи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст. Илова бар ин, муаллиф зарурати аз матни моддаи 24 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ намудани қисми 3-ро асоснок намуда, пешниҳод менамояд, ки муқаррароти мазкур дар моддаи дахлдори боби 15 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ) ҷойгир карда шавад. Ин пешниҳод аз он бармеояд, ки қонунгузории ҷиноятӣ шартҳои ҳатмии субъекти ҷиноятро танҳо барои лаҳзаи содир намудани кирдор эътироф менамояд. Аз ин рӯ, ҳолати руҳи шахс, ки пас аз содир намудани ҷиноят (тибқи қ. 3 м. 24 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба вуҷуд меояд, барои эътирофи шахс ҳамчун субъекти ҷиноят аҳмияти ҳуқуқӣ надошта, танҳо ҷараёни татбиқи ҷазо ё раҳоӣ аз онро танзим мекунад.

Боби сеюм – «Мушаххаснамоии синну сол ҳамчун аломати субъекти ҷиноят» аз ду зербоб иборат буда, фарогири масъалаҳои тасниф ва тафриқаи (дифференсиатсияи) синни субъекти ҷиноят, инчунин мушаххас намудани

хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунанда мебошад.

Зербоби нахустини боби сеюм «Тасниф ва тафриқаи синни субъекти ҷиноят» номгузорӣ шуда, «синни» инсон дар чор маъно истифода гардидааст: 1) синни хронологӣ (тақвимӣ) – яъне синне, ки тибқи санаи таваллуд муайян мегардад; 2) синни биологӣ – сатҳи воқеии ҷисмонии (физиологии) рушди инсон; 3) синни иҷтимоӣ – мавқеи иҷтимоии инсон вобаста ба нақш ва вазифаҳои ӯ дар ҷомеа; 4) синни психологӣ – дараҷаи рушди зеҳнӣ ва эҳсосии инсон. Вобаста ба таҳқиқи боби мазкур, муҳаққиқ пешниҳодоти хусусияти илмиву амалии худро ироа намудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм «Мушаххас намудани хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунанда» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои илмии мафҳуми субъекти махсус ва вижагиҳои синнии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар ин зербоб хусусиятҳои субъекти махсусро бо дарназардошти ҳадди ақал ва ҳадди аксари синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мушаххас намудааст.

Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз муқаррар намудани ҳадди ақали синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар меъёрҳои Қисми махсус ҳадди аксари синнро барои субъектони ҷиноят ба таври мустақим пешбинӣ накардааст. Бо вуҷуди ин, мавҷуд набудани чунин муқаррарот дар қонунгузории ҷиноятӣ маънои комилан истисно будани ҳадди аксари синнро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ надорад. Таҳлили хусусиятҳои меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад хулоса намоем, ки барои гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо муқаррар кардани ҳадди аксари синни субъекти махсус имконпазир ва зарур аст. Дар ин замина, ҳадди аксари синни субъекти махсуси ҷиноят на танҳо дар асоси меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки бо дарназардошти муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мақоми ҳуқуқии шахсро танзим менамоянд, муайян карда мешавад.

Дар хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои калидии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои муҳимми назариявӣ ва тавсияҳои мушаххаси амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ ироа шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии баанҷомрасонидаи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таҳлили диссертатсионӣ бадастомада барои омӯзиши муназзами масъалаҳои мубрами субъекти ҷиноят, мушаххаснамойии аломатҳои он ва таҳқиқи хусусиятҳои синни субъекти махсуси ҷиноят заминаи нави доктриналӣ мегузоранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун манбаи асосноки илмӣ ҷиҳати таҳкими низоми ҳуқуқӣ, такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мавқеи калидӣ дошта, ҷиҳати рафъи холигоҳҳои ҳуқуқӣ заминаи муътамад фароҳам меоранд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқи субъекти ҷиноят дар он аст, ки танҳо шахси воқеии мукаллаф ва ба синни муайян расида метавонад барои кирдораш ҷавобгар бошад. Ин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ канор мондани ашхоси гирифтори бемориҳои руҳиро таъмин мекунад. Ҳамчунин, адолати иҷтимоӣ талаб мекунад, ки ҷазо танҳо ба шахсе дода шавад, ки моҳияти кирдорашро дарк мекард.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқи субъекти ҷиноят дар он ифода меёбад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо нисбат ба шахси воқеӣ татбиқ мегардад, ки мукаллаф буда, ба синни муқаррарнамудаи қонун расидааст. Ин меъёр яке аз принсипҳои бунёдии ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил дода, ба таъмини адолат ва қонуният мусоидат мекунад. Аз ин нуқтаи назар, муайян намудани субъекти ҷиноят имкон медиҳад, ки доираи шахсоне, ки метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, маҳдуд карда шавад. Аз ҷумла, шахсоне, ки ба бемориҳои руҳӣ гирифторанд ва қобилияти дарк намудани моҳият ва

хавфнокии иҷтимоии кирдори худро надоранд ё рафтори худро идора карда наметавонанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд. Ин ҳолат ба татбиқи принсипи инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, адолати иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки ҷазо танҳо нисбат ба шахсе татбиқ гардад, ки на танҳо кирдори ҷамъиятан хавфнок содир намудааст, балки моҳияти онро дарк карда, имконияти идора намудани кирдори худро доштааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои меҳварии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмии муаллиф таҷассум ёфтаанд, ки фарогири паҳлӯҳои мухталифи мавзуи баррасӣ мебошанд. Аз он ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, дорои хулосаҳои муҳимми назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ мебошанд. Маводҳои нашршуда саҳми муаллифро дар такмили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва беҳтар намудани методологияи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур асоснок менамоянд.

Теъдоди маводи чбпшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) бо риояи меъёрҳои илмӣ тартиб дода шудаанд.

Автореферат фишурдаи диссертатсия баанҷомрасида эътироф шуда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро ифода кардааст.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар тақриз инъикос ёфтаанд, дар рисолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои баҳснок ва мулоҳизаталаб ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, нуктаҳои зеринро метавон ҳамчун эрод ва пешниҳодҳои такмилӣ ҷудо намуд:

1. Ҳангоми баррасии истифодаи зеҳни сунъӣ бо мақсадҳои ҷиноятӣ, муаллиф онро танҳо ҳамчун «восита» арзёбӣ кардааст. Бо вуҷуди ин, бо

дарназардошти қобилияти «худомӯзӣ» ва «қабули қарори мустақил»-и алгоритмҳои муосир, ҷоиз буд, ки масъалаи дар ҳолати аз назорати барномасоз берун шудани зеҳни сунъӣ амиқтар таҳлил мегардид.

2. Пешниҳоди муаллиф оид ба илова намудани моддаи 22(1) ба КҶ ҶТ ва муайян кардани доираи шахсони воқеӣ қобили дастгирӣ аст. Вале, дар банди мазкур истифодаи ибораи «шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад» (саҳифаи 61) метавонад баҳснок бошад ва бо дарназардошти ин, аз муҳаққиқ тақозо карда мешавад, ки хусусияти муҳими ин мавқеъро бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ мушаххас намояд.

3. Дар хулосаи зербанди сеюми боби дуюми таҳқиқот (саҳифаи 122) муҳаққиқ дар он назар аст, ки «муқаррар кардани номукаллафӣ вазифаи тафтишоту суд мебошад, на экспертизаи психиатрияи судӣ. Коршиносҳо ҳуқуқ надоранд мукаллафӣ ё номукаллафии шахсро муқаррар кунанд, зеро ин танҳо ба салоҳияти тафтишоту суд дохил мешавад». Ҳарчанд ин нуқтаи назар аз ҷиҳати назариявӣ дуруст аст (номукаллафӣ мафҳуми ҳуқуқӣ аст), аммо дар амалияи судӣ хулосаи коршинос-психиатр нақши ҳалкунанда дорад. Ин як ҷанбаи баҳсноки тадқиқот ба шумор меравад.

Қатъи назар аз баъзе масъалаҳои баҳснок, рисолаи мазкур арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Нуктаҳои зикршуда ба сифати умумии таҳқиқот ва дурустии хулосаҳои муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои имлоӣ

ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азиззода У.А.

**Суроға муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, к. Б. Ғафуров, хонаи 33/2 ҳуҷраи №47.
Тел:(+992)907811285
E-mail: ubaidullo_azizov@mail.ru

Имзоҳои Азиззода У.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«29» 04 соли 2026.

**Суроға:** Хиёбони Рӯдакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj